# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи "АСОСҲОИ МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ВА РАВИШҲОИ БЕҲТАРСОЗИИ МУНОСИБАТИ ЭҲТИЁТКОРОНАИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Тадқиқоти диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи "Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ" дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳия шудааст.

**Мубрамӣ ва муҳиммияти мавзуи тадқиқот.** Муаллифи диссертатсия Примов М.М. дар тадқиқоти худ яке аз масъалаҳои муҳими таълимӣ – истифодаи босамари компютер дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст қайд мекунад, ки имрӯз компютер як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти инсон ба шумор меравад. Дар соҳаи маориф истифодаи компютер ба сурати гуногун ҷараён мегирад ва аз таҷрибаҳои мавҷуда равшан мегардад, ки давоми солҳои мухталиф компютерҳо тарзи корбарӣ дар ҷаҳони имрӯзро дигаргун карданд.

Муҳимтарин ҷанбаи мубрамии тадқиқоти диссертатсионии Примов М.М. дар он зоҳир мегардад, ки он бевосита дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эъломияи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф" тасниф гардидааст. Омили дигари муайянкунандаи мубрамии масъалаи мазкур дар он аст, ки рушди самараноки компютер ва технологияи иттилоотӣ ва васеъ истифодашавии методҳои он дар соҳаҳои дигари илм аз хатмкунандгони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сатҳи баланди муносибати эҳтиёткорона бо технологияи компютериро талаб менамояд.

Дар тадқиқоти диссертатсионии мазкур мубрамии мавзуъ ба таври кофӣ ва боварибахш асоснок карда шуда, мақсадҳо ва вазифаҳои

гузошташударо муайян мекунад. Тибқи он довталаби дараҷаи илмӣ Примов М.М. кӯшиш намудааст, то ки равиши анъанавиро дар бехатарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ таҷдиди назар кунад.

Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлил ва хулосабарории корҳои бунёдӣ дар самти илми муосири технологияи иттилооттӣ, таҳлили амалияи педагогӣ ва корҳои озмоишӣ иҷро гардидааст.

Аз як ҷониб мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи мазкур ва аз ҷониби дигар кам ба назар расидани тадқиқот дар самти бехатарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон зимни истифодаи технологияи компютерӣ интихоби мавзуи диссертатсияи баррасишавандаро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Аз рӯйи таҳлили диссератсия, довталаб Примов М.М. дараҷаи илмии навгонии тадқиқотии худро бо баррасии асосҳои назарии корбурди компютер ва усулҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳия намудани шаклҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои бехатарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ муайян кардааст. Марҳилаи пешрафти технологияҳои компютерӣ, ки ҷаҳон ба он ворид шудааст, роҳҳои доимии шаклҳои нави ташкили раванди таълимро талаб мекунад.

Навгонии илмии кори диссертатсионӣ эътимоднок аст. Нуктаҳои илмӣ, аҳамияти амалӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳо ба сатҳи баланд асоснок карда шудаанд. Хулосаҳои ҳар як боб тасдиқ гардида, рушди оянда ва тасдиқи худро дар бобҳои минбаъда ёфтаанд.

Қобили қайд аст, ки нуктаҳои муҳимми назариявӣ ва натиҷаҳои илмии тадқиқоти диссертатсионии довталаб Примов М.М. хусусияти ягонагии томро дошта, мантиқан бо ҳам равобит дошта, бо ҳам дар иртиботи қавӣ қарор доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия матраҳгардида дар асоси амалияи педагогикаи умумӣ муайян гардида, ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии тадқиқот, муносибати диалектикии арзёбии раванди педагогӣ, масъалаҳои мушаххас гузошташуда, фарзияи дақиқ муайяншуда асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия муайяншуда ба мутобиқатии байни маълумоти озмоиш ва хулосаҳои илмӣ асос меёбанд, ки

бо истифодаи методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси педагогӣ имконпазир гардид.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 185 саҳифаи чопи компютерӣ бо фарогирии 8 ҷадвал ва 7 расму диаграммаҳо таҳия шудааст. Диссертатсия 204 номгӯи адабиёти илмиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии тадқиқот асоснок карда шудааст, мақсад ва вазифаҳо баён гардидаанд, объект ва мавзуи тадқиқот муайян гардидаанд, фарзияи тадқиқот пешниҳод гардидааст, методҳои тадқиқот интихоб гардидаанд, дараҷаи навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд, маълумот оид ба мавод ва сохтори кори тадқиқотӣ оварда шудааст.

Дар боби якум – **“Асосҳои назариявии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер”** довталаб Примов М.М. масъалаҳо вобаста ба муносибати эҳтиёткорона ва ғамхорона нисбат ба ҳар чиз, ки аз ҷумлаи сифати ахлоқии шахс ба шумор рафта, қобилияти масъулияти ӯро аз рӯи рафторҳои худ таҷассум мекунад. баррасӣ намудааст. Тасдиқ гардидааст, ки муносибати эҳтиёткорона дар навбати аввал ин муошрати байни хонандагон ва компютер мебошад, ки дар он ғамхорӣ, таваҷҷуҳ ва дилсӯзӣ ба воситаҳои технологии мазкур зоҳир мешавад. Боби якум дар маҷмӯъ аз се бахш иборат буда, бо хулосаи боб ба охир мерасад.

Дар боби дуюми диссертатсия – “**Кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ”**, ки аз се бахш иборат аст, довталаб Примов М.М. амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро бо тавсифи методҳо, принсипҳо, шароити педагогӣ, шаклҳо ва воситаҳои мавриди истифода, ҷузъҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ, марҳилаҳо ва сатҳи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро тадқиқ кардааст. Ҳангоми анҷоми кори тадқиқотӣ муносибатҳои умумиро бо раванди истифодаи компютер ва равишҳои беҳтаргардонии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ мушаххас намудаанд. Дар боби мазкур ҳамчунин корҳои озмоишӣ гузаронида шуда, натиҷаҳо ва диаграммаҳо оварда шудаанд. Хулосаи боби дуюм дар охири боб мавҷуд аст.

Дар қисмати охири диссертатсия довталаб Примов М.М. хулосаҳои умумии диссертатсия ва натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияро ҷой дода, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои илмиро овардааст. Хулоса ва натиҷаҳои илмӣ ба талабот ҷавобгӯйанд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки vуносибати эҳтиёткорона бо техникаи компютерӣ ин хусусияти хуби шахсият баҳисоб рафта, дар шароити муосири рушди бошитоби технологияи иттилоотӣ зарурати илмӣ ва аҳамияти хоса дорад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз 9 номгӯй иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои тадқиқот хеле арзишманд мебошанд. Довталаб Примов М.М. ба хулосае омадааст, ки мушкилоти муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон доир ба истифодаи васоити таълим объекти минбаъдаи тадқиқот метавонад бошад, ки боварии комил дорем, дар оянда дар ин замина тадқиқоти муайян ба сомон хоҳад расид..

Тадқиқоти гузаронидашуда имкон додаст, ки дар раванди асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ муносибати мазкур иҷрои се вазифаи муҳимро пешниҳод мекунад, ки шарҳи муфассали он дар диссертатсия ҷараён гирифтааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки вазъи методологӣ муайян карда шудааст, ки ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад. Амсилаи методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Аҳамияти амалии тадқиқот аз таҳияи амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои тадқиқотро дар низоми омода намудан ва бозомӯзии муаллимон мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Аз гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки кори диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи “Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ” дар чаҳорчӯбаи илмҳои педагогӣ дар соҳаи педагогикаи умумӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, масъалаи омӯзиши муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ ва ҳангоми корбарӣ

бо техникаи компютерӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва арзишаш дар он аст, ки пеш аз ҳама, тафаккури мантиқии инсонро инкишоф медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои тадқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар асоси тадқиқоти диссертатсия 9 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Руссия ва 6 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд ва ҷавобгӯй ба талаботи КОА –и назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар **автореферат** мубрамӣ ва мақсади кор муайян гардидааст; методҳои таҳлили назариявӣ тавсиф гардидаанд; навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ҳосилшуда асоснок гардидаанд; нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия пешниҳод гардидаанд; сохтор ва ҳаҷми диссератсия, муҳтавои мухтасари бобҳо, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот тавсиф гардидаанд. Автореферат ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**. Диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи “Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ” тибқи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тавсиб расидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (бандҳои 1, 2 ва 3), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, ба расмия даroварда шуда, ба талабот ҷавобгӯй аст.

Дар умум, тадқиқоти диссертатсиониро мусбӣ арзёбӣ намуда, баъзе эъродҳоро, ки хусусияти тавсиявӣ доранд ва дар тадқиқоти минбаъдаи мавзуи мазкур муайян хоҳанд шуд, баён менамоем:

1. Дар кори диссертатсионӣ номгӯйи барномаҳои компютерӣ, ки истифодаи онҳо ба муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон бо технологияи компютерӣ мусоидат мекунанд ва хонандагонро аз бозиҳои компютерӣ дур мекунанд, оварда нашудаанд.
2. Довталаб ба ҷиҳатҳои психологии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон бо технологияи компютерӣ диққат надодааст, ки ин кори диссертатсиониро боз ҳам беҳтар мекард.
3. Рақами саҳифаҳои диссертатсия бояд дар колонтитули боло ҷойгир бошанд, дар асл довталаб дар поён ҷойгир кардааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе носаҳеҳии услубӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро ислоҳ намудан лозим аст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 5 маъни сархатии сеюм “Тахти истифода ...” номуайян аст; дар саҳифаи 11 “Мазӯи” омадааст, ки бояд “Мавзуи” бошад.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳодӣ буда, ҳаргиз арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Тадқиқоти диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷоновичро ҳамчун тадқиқоти мустақил ва анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Дар умум, диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи “**Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо ҳисоби тағйиру иловаҳо аз 23.06.2023 с.) ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи Технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон — Назаров Ахтам Пулотович

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носиров - 33. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 908-08-2384.


Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
АИД назди Президенти ҶТ — А. Насруддинзода

_11_ сентябри соли 2025